**ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ГУЗОРИШИ МАТБУОТӢ (ПРЕСС-РЕЛИЗ)

ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
MINISTRY OF AGRICULTURE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN
МИНИСТЕРСТВО СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025

Душанбе – 2026

## Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025

Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалигардонии яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар - таъмини амнияти озуқаворӣ фаъолияти худро дар асоси вазифаҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои соҳавӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, ҷиҳати татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ як қатор корҳои назаррасро роҳандозӣ намуд.

**Такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳа.** Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади такмил ва рушди низоми қонунгузории соҳа ва танзими фаъолияти соҳаи кишоварзӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, аз ҷумла қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рақамикунонии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029», «Дар бораи Барномаи амнияти озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030», «Дар бораи Номгӯй ва ҳаҷми воридоти молу мавод бевосита барои эҳтиёҷоти худии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва моҳӣ дар соли 2025», «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15.05.2003, №223», «Нақшаи амали Барномаи рушди чарогоҳҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 дар солҳои 2026-2027» ва «Нақшаи амали Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбуриасалпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 солҳои 2026-2027» мебошад.

### Афзоиш ва ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ

Сарфи назар аз омилҳои иқлимӣ ва паёмадҳои бӯҳрони ҷаҳонӣ, татбиқи босамари барномаҳои давлатӣ ва дастгирии пайвастаи Ҳукумати мамлакат, соҳаи кишоварзӣ ба заминаи боэътимоди таъмини амнияти озуқаворӣ ва омили калидии рушди сатҳу сифати зиндагии мардум табдил ёфтааст. Тибқи нишондодҳои оморӣ, ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ин давра ба 84,7 миллиард сомонӣ расид, ки нисбат ба соли гузашта 9,5 фоиз афзоиш ёфта, нисбати дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2027-ум 2,5 банди фоиз зиёд мебошад. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ бо афзоиши 9,9 фоиз ба 56,6 миллиард сомонӣ ва маҳсулоти чорвопарварӣ бо 8,5 фоиз, ба 28,1 миллиард сомонӣ зиёд гардидааст.

Дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи вилоятҳои Хатлон 53,4 фоиз, Суғд 30,6 фоиз, ВМКБ 1,3 фоиз ва шаҳри Душанбе якҷо бо шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 14,7 фоизро ташкил дода, истеҳсоли маҳсулоти

кишоварзӣ нисбат ба соли 2024 дар вилоятҳои Суғд 11,0 фоиз, Хатлон 9,7 фоиз, ВМКБ 4,0 фоиз ва шаҳри Душанбе якҷо бо шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 6,1 фоиз зиёд гардидааст.

Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта истеҳсоли картошка 5,4 фоиз зиёд гардида, 1332,5 ҳазор тоннаро ташкил медиҳад, истеҳсоли сабзавот 2,4 фоиз (3377,9 ҳазор тонна), зироатҳои полизӣ 9,6 фоиз (1254,4 ҳазор тонна)-ро ташкил медиҳад, меваҷот 16,0 фоиз (954,3 ҳазор тонна), ангур 19,4 фоиз (346,1 ҳазор тонна), гӯшт 9,2 фоиз (454,3 ҳазор тонна), аз он гӯшти паранда 7,2 фоиз (50,8 ҳазор тонна), шир 2,5 фоиз (1206,7 ҳазор тонна), тухм 12,1 фоиз (1419,3 миллион дона), пашм 4,8 фоиз (9,5 ҳазор тонна), гирифтани гӯсола 5,0 фоиз (746 ҳазор сар), бараву бузғола 5,7 фоиз (2987 ҳазор сар), тойча 10,2 фоиз (20 ҳазор сар) ва истеҳсоли чуҷа 1,6 маротиба зиёд гардида, ба 27,0 миллион сар баробар шудааст.

Дар натиҷаи роҳандозии намудани тадбирҳои муайян ҳаҷми истеҳсоли пахта дар ҷумҳурӣ ба 392,2 ҳазор тонна расида, иҷрои дурнамо 100,6 фоиз таъмин гардид, ки дар муқоиса нисбат ба соли 2024-ум 139,5 ҳазор тонна зиёд мебошад. Аз ҷумла иҷрои дурнамо дар вилояти Хатлон 268,9 ҳазор тонна ё 105,7 фоиз, вилояти Суғд 118,8 ҳазор тонна ё 90,5 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 4,6 ҳазор тонна ё 106 фоиз иҷро гардида, нисбати соли гузашта мутаносибан 104,4 ҳазор тонна, 33,1 ҳазор тонна ва 1,9 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар давраи ҳисоботи иҷрои дурнамои истеҳсолро аз 33 шаҳру ноҳияҳои пахтакор 26 шаҳру ноҳия таъмин намудаанд. Аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои Дӯстӣ 138,4 фоиз, Шаҳринав 137 фоиз, Данғара 131,4 фоиз, Бохтар 121,3 фоиз, Ёвон 120,2 фоиз, Рӯдакӣ 120 фоиз, Вахш 118,1 фоиз, Левакант 115,9 фоиз, Ҷайҳун 115,2 фоиз, Хуросон 115 фоиз, Кушониён 106,5 фоиз, Ваҳдат 105,5 фоиз, А. Ҷомӣ 105,1 фоиз, Ҷ.Балхӣ 103,8 фоиз, Спитамен 102,7 фоиз, Ашт 102,5 фоиз, Шаҳритуз 102,2 фоиз, Н.Хусрав 102 фоиз, Панҷ 101,7 фоиз, Ҳисор 100,7 фоиз, Мастчоҳ 100,7 фоиз Қубодиён 100,7 фоиз, Б.Ғафуров 100,4 фоиз, Кӯлоб 100,4 фоиз ва Ҷ.Расулов 100,2 фоиз ташкил медиҳад.

## Содироти маҳсулоти кишоварзӣ

Дар соли ҳисоботӣ, тамоюли афзоиши содироти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи Тоҷикистон ба таъсиси бренди миллии баландрақобат ва баромадан ба бозорҳои муътамади ҷаҳонӣ нигаронида шуд. Ин иқдом на танҳо боиси афзоиши арзиши иловашуда гардид, балки рушди устувори иқтисоди «сабз»-ро дар минтақаҳои кишоварзии кишвар тақвият бахшид.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар 190508 тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 79,2 миллион доллари ИМА содирот гардид. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта аз рӯи ҳаҷм 13,5 фоиз (22 683 тонна) ва аз рӯи маблағ 39,7 фоиз (22,5 миллион доллар) афзудааст, ки ин аз афзоиши сифат ва арзиши маҳсулоти кишоварзӣ шаҳодат

медиҳад. Маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон ба 26 давлати дуру наздик роҳ ёфта, 89 фоизи он ба кишварҳои ИДМ ва 11 фоиз ба давлатҳои хориҷи дур рост меояд.

## Самти растанипарварӣ

Бо мақсади таъмини бозорҳои истеъмолии кишвар бо маҳсулоти озуқаворӣ, мувофиқи маълумоти омории шакли 4-кишоварз, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ соли 2025 кишти зироатҳои кишоварзӣ дар масоҳати 843,6 ҳазор гектар гузаронида шуд. Аз ҷумла, зироатҳои ғалладонагӣ 375,7 ҳазор гектар, зироатҳои техникӣ 198,2 ҳазор гектар, картошка 64,3 ҳазор гектар, сабзавот 69,7 ҳазор гектар, сабзавоти тухмӣ 158 гектар, полизӣ 23,2 ҳазор гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 112,4 ҳазор гектарро ташкил медиҳад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2025 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҷамоавии ҷумҳурӣ дар масоҳати 294,4 ҳазор гектар кишти тирамоҳӣ ва баҳории зироатҳои ғалладонагӣ, аз он 186,1 ҳазор гектар кишти тирамоҳӣ (109,4 фоизи дурнамо), 108,3 ҳазор гектар кишти баҳорӣ (106,3 фоизи дурнамо), 193,7 ҳазор гектар зироатҳои техникӣ (90,3 фоиз), 35,8 ҳазор гектар картошка (90,6 фоиз), 33,1 ҳазор гектар сабзавот (76,2 фоиз), 19,2 ҳазор гектар полизӣ (99,7 фоиз) ва 32,9 ҳазор гектар зироатҳои хӯроки чорво (1,5 маротиба нисбат ба дурнамо зиёд) гузарониданд.

Тибқи маълумоти оморӣ ба ҳамин давра пахтапарварони мамлакат бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар масоҳати 174936 гектар кишти пахта гузарониданд.

Кишти пахта дар вилояти Суғд дар масоҳати 49163 гектар гузаронида шуда, иҷрои дурнамо 82,4%, вилояти Хатлон 123045 гектар 98,8% ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 2728 гектар 99,2%, аз ҷумла шаҳру Душанбе 159 гектар 79,5%, Турсунзода 664 гектар 102,2%, Ҳисор 846 гектар 94%, Шаҳринав 347 гектар 116%, Рудакӣ 361 гектар 103,1% ва дар шаҳри Ваҳдат 351 гектар ё 100,3% таъмин гардидааст.

Бояд қайд кард, ки бо мақсади самаранок ва оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ ва гирифтани 2-3 ҳосил хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавӣ тибқи маълумоти фаврӣ дар соли 2025 дар масоҳати 189,5 ҳазор гектар кишти такрории зироатҳои кишоварзӣ гузарониданд, ки 102 фоизи дурнамои пешбинигардидаро ташкил медиҳад. Аз масоҳати умумии кишти такрорӣ, ғалладонагиҳо дар масоҳати 113,6 ҳазор гектар, аз он шолӣ 15,7 ҳазор гектар, ҷуворимакка барои дон 58,3 ҳазор гектар, дигар ғалладонагиҳо 39,4 ҳазор гектар, зироатҳои техникӣ 3,9 ҳазор гектар, сабзавот 19,0 ҳазор гектар, полизӣ 7,8 ҳазор гектар ва зироатҳои хӯроки чорво 44,7 ҳазор гектарро дарбар мегирад.

Тибқи маълумоти фаврӣ ба ҳолати 01.01.2026 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамоавии ҷумҳурӣ дар масоҳати 334083 гектар шудгор гузарониданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 38968 гектар зиёд мебошад.

Ба ҳамин давра дар масоҳати 163528 гектар кишти тирамоҳӣ ва барвақтии зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст, ки аз он 150078 гектар зироатҳои ғалладонагӣ, 1528 гектар картошкаи барвақтӣ ва 11922 гектар сабзавоти барвақтӣ ташкил дода, кишт бо истифода аз обу ҳавои мусоид бо маром идома дорад.

**Фаъолияти гармхонаҳои доимамалкунанда ва мавсимӣ**

Барои таъмини аҳолӣ бо сабзавоти тару тоза тибқи маълумоти оморӣ ба ҳолати 01.01.2026 аз гармхонаҳои доимоамалкунандаю мавсимӣ ҳамагӣ 80206 тонна сабзавот, аз ҷумла помидор 26695 тонна, бодиринг 23018 тонна ва 30492 тонна дигар намуди сабзавот истеҳсол ва ба бозори истеъмолии кишвар пешниҳод намуданд.

**Рушди соҳаи тухмипарварӣ**

Бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ вазорат дар доираи лоиҳаи "Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ" барои кишти соли 2025 ба миқдори 500 тонна гандуми тухмии гурӯҳи элита навъҳои "Алексеич" 200 тонна, "Тимирязевка 150" 300 тонна, 160 тонна пунбадонаи тухмии гурӯҳи элита навъҳои "Лима" 100 тонна, "Лазер" 50 тонна, "Ҷонгмян - 113" 10 тонна, аз фонди давлатии тухмӣ 20,2 тонна пунбадонаи тухмии гурӯҳи элита навъҳои "Хин Лу Зонг Ф-64" 8,2 тонна,"Хин Лу Зонг Ф-67" 12 тонна, 330 тонна гандуми тухмии репродуксияи якум ва 957 тонна картошкаи тухмии сертификатсияшуда, инчунин барои кишти соли 2026 гандуми тухмии репродуксияи якум 469,2 тонна ба хоҷагиҳо бо таносуби 30% пешпардохт ва 70%-и маблағи боқимонда пас аз ҷамъоварии ҳосил дастрас намуд.

Аз тарафи шарикони рушд ва соҳибкорон гандуми тухмии гурӯҳи элита 102 тонна, картошкаи тухмии гурӯҳи элита 40 тонна ва зиёда аз 300 тонна чигити тухмӣ аз хориҷи кишвар ворид гардид.

Зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ аз истифодаи тухмиҳои сертификатсияшуда вобастагӣ дошта, тибқи апробатсия барои кишти соли 2026 дар ҷумҳурӣ миқдори захираи гандуми тухмӣ 76429 тоннаро ташкил дода, аз он гурӯҳи элита 179 тонна (0,2%), репродуксияи якум 7576 тонна (9,9%), репродуксияи дуюм 20464 тонна (26,8%), репродуксияи сеюм 33610 тонна (44,0%) ва тухмии шартӣ 14599 тоннаро (19,1%), инчунин, 4,26 тонна тухмии гурӯҳи аслӣ (супер-элита), миқдори захираи пахта 37641,3 тоннаро ташкил медиҳад, аз он: элита 36,1 тонна (0,1%), репродуксияи якум 11712,4 тонна (31,1%), репродуксияи дуюм 11808,8 тонна (31,4%), репродуксияи сеюм 12093,0 тонна (32,1%) ва пахтаи тухмии шартӣ 1991 тонна (5,2%) дар назар дошта шудааст, ки аз миқдори умумии пахтаи тухмии захирашаванда бо меъёри баромади 55%-и пунбадонаи тухмӣ ба миқдори 20702,7 тонна пунбадонаи тухмӣ, картошкаи тухмӣ дар ҷумҳурӣ ба миқдори 228140,2 тоннаро ташкил медиҳад, ки аз он 760,2 тонна репродуксияи якум (0,3%),

36282 тонна репродуксияи дуюм (15,9%), 109149 тонна репродуксияи сеюм (47,8%) ва 81949 тоннаашро тухмии шартӣ (35,9%) ташкил медиҳад.

Барои кишти соли 2026 хоҷагиҳои махсуси тухмипарварӣ тухмии зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла пунбадонаи тухмӣ 4300 тонна, гандум 6756 тонна, ҷав 90 тонна, картошка 14063 тонна, шолӣ 146 тонна, юнучқа 3,8 тонна, маъсар 4,0 тонна ва зағер 2,2 истеҳсол намуданд.

Ҳамзамон, дар доираи маблағҳои фонди давлатии тухмӣ аз Ҷумҳурии Узбекистон 125 тонна гандуми тухмии дуфаслаи гурӯҳи элита навъҳои “Кеш-2016” 65 тонна ва “Шукрона” 60 тоннаро тибқи тартиби муқаррааргардида харидорӣ гардида, барои кишти соли 2026 ба миқдори 23,9 тонна ба хоҷагиҳои тухмипарварӣ дар асоси руйхати тасдиқшуда тибқи шартнома дастрас карда шуд.

Бо қарори Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба минтақабобкунии навъҳои растанӣ соли 2025-ум 8 навъи ҳосилнокиашон баланду оядадор ва ба тағйирёбии иқлим устувор 1 навъи пахтаи миёнанахи пешпази “АС-11”, 1-навъи пахтаи миёнанахи гурӯҳи миёнапази “Чумнянсо-166, 3 навъи гандуми мулоимдонаи “Рарз”, “Марказ-2022” ва “Фаровон”, 1 навъи сулӣ “Назар”, 1 навъи ҷуворимакка «Файз» ва 1 навъи картошкаи ширини (батат) “Сомон” минтақабоб ва дар ҳудуди ҷумҳурӣ барои кишт иҷозат дода шуданд.

Дар соли 2024-2025 43 навъи зироатҳои кишоварзӣ, 9 навъи дарахтони мевадиҳанда ва 3 дурагаи кирмаки пилла тибқи нақшаи корӣ дар 12-стансия ва 1-қитъаи давлатии навъсанҷӣ мавриди санҷиши расмӣ қарор доранд.

## Рафти бунёди боғу токзори нав, коркарди кимиёвӣ бар зидди ҳашаротҳои зараррасону касалиҳои боғу токзор

Бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар хоҷагиҳои ҷамоавӣ ва деҳқонӣ 627 гектар боғу токзор, аз ҷумла 546 гектар боғ (аз ҷумла 106 гектар боғи интенсивӣ) ва 81 гектар токзори нав бунёд намуда, корҳои барқароркунии боғҳоро дар масоҳати 2264 гектар ва токзорро 273 гектар ба анҷом расонида, раванди бунёду барқарорсозии боғу токзор идома дорад.

Бо мақсади таъмини хоҷагиҳои кишоварзӣ бо ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва ороишӣ дар хоҷагиҳои КВДХНҶ «Тоҷикниҳолпарвар» 1,2 млн бех ниҳолҳо омода карда шуда, дар давраи ҳисоботи 416 ҳазор бех ниҳолҳо ба фурӯш бароварда шудааст.

Дар самти муҳофизати растаниҳо ва боғу токзор соли 2025 дар майдони 121,3 ҳазор гектар коркарди байни қатори боғу ток гузаронида шуда, дар майдони 114,2 ҳазор гектар бар зидди касалию ҳашаротҳои боғу токзорҳо, 64,0 ҳазор гектар ғалладонагиҳо, 18,4 ҳазор гектар картошка, 25,0 ҳазор гектар сабзавот ва дар пахтазорҳо 40,0 ҳазор гектар касалию зараррасонҳо ба мушоҳида расида пурра коркарди кимиёвӣ гузаронида шуд.

Дар соли 2025 дар миқёси ҷумҳурӣ ба муқобили зараррасонҳои зироатҳои кишоварзӣ дар масоҳати 34951 гектар ҳашаротҳои фоидаовар истифода гардида, аз ҷумла тиллочашмак дар 7531 гектар, трихограмма дар 13339

гектар ва габробракон дар 14081 гектар татбиқ шуд, инчунин 11753 адад домҳои феромонӣ гузошта шуданд. Дар маҷмӯъ дар масоҳати 48504 гектар коркарди кимиёвӣ анҷом дода шуда, ки ба 102 фоизи дурнамо баробар мебошад ва истифодаи усулҳои кимиёвӣ ва биологӣ ба таъмини вазъи мусоиди фитосанитарӣ дар киштзорҳои ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

### Чораҳои муҳофизатӣ бар зидди зараррасонҳои зироатҳои кишоварзӣ

Дар соли ҳисоботӣ бо мақсади муташаккилона ва сари вақт анҷом додани чорабиниҳои мубориза бар зидди малах аз тарафи Муассисаи давлатии «Экспедитсияи мубориза бар зидди малах» ва филиалҳои он дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 65 трактор, 29 автомашина, 37 мототсикл, 461 дорупошаки дастӣ ва муҳаррикдор, дигар таҷҳизот, 22 генератор, 24 хайма ва 22 зарфи обгирӣ сафарбар карда шуданд.

Аз ҳисоби Муассисаи давлатии «Экспедитсияи мубориза бар зидди малах» ба филиалҳо 27515 литр заҳрдору, 16441 литр сӯзишвории дизелӣ, 9885 литр бензин, 139 адад апарати дастии моторӣ ва 462 адад либоси муҳофизавӣ расонда шуда, таъминоти моддию техникии онҳо ба сатҳи зарурӣ таъмин гардид.

Дар соли 2025 дар майдони умумии 700417 гектар мушоҳидаҳои баҳорӣ, тобистона ва тирамоҳӣ гузаронида шуд. Дар натиҷаи амалигардонии чорабиниҳои муҳофизатӣ дар мавсими соли 2025 зироатҳои кишоварзӣ, боғу токзорҳо ва чарогоҳҳо ба маблағи 583,1 миллион сомонӣ аз зарароварии малах эмин нигоҳ дошта шуданд.

### Самти чорводорӣ

Бо рушди соҳаи чорводорӣ соли ҳисоботӣ саршумори ҳайвоноти кишоварзӣ ба ҳолати 01.01.2026 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 2,9 миллион сар чорвои калон аз он модагов 1,5 миллион сар, қутос 29,7 ҳазор сар, гӯсфанду буз 7,5 миллион сар, асп 96,8 ҳазор сар, занбури асал 260,0 ҳазор оила ва 13,1 миллион сар паранда парвариш ёфта истодааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта саршумори чорвои калон 3,6 фоиз, аз он модагов 4,3 фоиз, қутос 7,0 фоиз, гӯсфанду буз 4,4 фоиз, асп 5,7 фоиз ва саршумори паранда 10,1 фоиз зиёд мебошад.

Бояд зикр кард, ки яке аз роҳҳои асосии беҳтар намудани зоти чорво ва баланд бардоштани маҳсулнокии он бордоркунии сунъӣ ба ҳисоб рафта, айни замон дар миқёси ҷумҳурӣ 297 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ, аз он 69 адад дар бахши ҷамъиятӣ ва 228 адад дар бахши аҳолӣ мавҷуд мебошад. Тавассути нуқтаҳои зикргардида 52030 сар чорво сунъӣ бордор карда шуда, дар натиҷа 45469 сар гусолаи хушзот гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 1835 ва 2230 сар зиёд мебошад.

Соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 746,2 ҳазор сар гӯсола ва 2987,3 ҳазор сар барраю бузғола гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта гӯсола 35,5 ҳазор сар ё 5 фоиз ва барраву бузғола 161,4 ҳазор сар ё 5,7 фоиз зиёд мебошад.

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.03.2025, №218 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026» фармоиши Вазорат аз 03.04.2025, №29 ба тасвиб расида, Ситод таъсис дода шудааст.

Соли сипаригардида дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷамоавӣ 3,1 миллион тонна хӯроки дурушт ва 90,2 ҳазор тонна хӯрокаи ширадор захира гардида, ба як сар чорвои шартӣ 22,5 сентнер воҳиди хӯрока рост меояд.

Рондани чорво аз бошишгоҳои зимистонаю баҳорона ба чарогоҳҳои тобистона дар мавзеҳои муҳим, зери назорати мутахассисони соҳа қарор дошта, аз дидбонгоҳҳои мавҷудаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба миқдори 3734 рама, 3,6 миллион сар чорвои майдаи шохдор, 123,3 ҳазор сар чорвои калони шохдор, 9656 сар асп ҷо ба ҷо карда шуд. Аз ҷумла тавассути воситаҳои махсуси нақлиёти 453,7 ҳазор сар чорвои майдаи шохдор, 4945 сар чорвои калони шохдор ва 690 сар асп интиқол дода шуд.

Ҷиҳати Рушди соҳаи тухмипарварии зироатҳои хӯроки чорво дар доираи татбиқи лоиҳаи «Барқарорсозии устувори ландшафтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 2000 кг саксаул, 1000 кг изен, 500 кг шувоқ, 500 кг кейрук ва 17 бастаи симтуру пояҳо (6800 метр) барои иҳота намудани гирду атрофи замини қитъаи намоишии Филиали Муассисаи давлатии "Тресту чарогоҳу мелиоративӣ"-и вилояти Суғд дастрас гардида, ҳамчунин ду адад нақлиёти махсуси чорвокашонӣ ба Муассиса харидорӣ гардид.

Ҳамзамон, ҷиҳати амалишавии “Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027” дар соли 2025 ба хоҷагиҳо 15 сар аспи зотӣ, 200 сар гусфанди зоти ҳисорӣ, 1 миллион кирминаи моҳӣ, ҳамчунин техникаи кишоварзӣ ва таҷҳизоти озмоишии биотехнологияи чорво, ба миқдори 600 сар харгӯши зотӣ, 250 оила занбӯри асал бо ҳамаи таҷҳизот, доруворӣ ва хӯрока харидорӣ гардида, ба хоҷагиҳо тақсим карда шудааст.

## Рушди соҳаи моҳипарварӣ

Барои рушди соҳаи **моҳипарварӣ** дар миқёси ҷумҳурӣ 1300 адад кӯлҳои табиӣ, 8 адад обанборҳо ва 432 адад хоҷагиҳо бо масоҳати умумии 76257 гектар, ки аз он 73342 гектар обанборҳо ва 2915 гектар ҳавзҳо мавҷуд буда, барои истеҳсоли моҳӣ дар хоҷагиҳо истифода бурда мешавад. Дар натиҷаи амали намудани тадбирҳои зарурӣ дар соли 2025 истеҳсоли моҳии молӣ ба 5576 тонна расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 115 тонна зиёд мебошад.

## Занбӯрпарварӣ

**Соҳаи занбурпарварӣ** низ соҳаи сердаромад ба ҳисоб рафта тибқи маълумотҳои оморӣ ба ҳолати 01.01.2026 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 259952 оилаи занбӯри асал парвариш ёфта, дар ин давра 3846 тонна асал истеҳсол карда шудааст.

## Парандапарварӣ

**Соҳаи парандапарварӣ** яке аз соҳаҳои асосии самти чорводорӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо ғизои сафедадор мавқеи намоён дорад. Дар ҷумҳурӣ шумораи умумии корхонаҳои парандапарварӣ ба ҳолати 01.01.2026 ҳамагӣ 232 ададро ташкил менамояд, ки аз он 140 адад ба вилояти Суғд, 38 адад ба вилояти Хатлон ва 54 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ва шаҳри Душанбе рост омада, нисбати ҳамин давраи соли гузашта 10 адад зиёд мебошад. Аз шумораи умумии корхонаҳои мавҷуда, 102 адад ба истеҳсоли тухми истеъмолӣ, 116 адад ба истеҳсоли гӯшти паранда, 8 адад ба истеҳсоли тухму гӯшти паранда ва 6 адад ба истеҳсоли тухми инкубатсионию ҷӯҷаи якрӯза машғул мебошанд.

Тибқи маълумот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ 13,1 миллион сар паранда парвариш ёфта, 1,4 миллиард дона тухм ва 50,8 ҳазор тонна гӯшти паранда истеҳсол гардидааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта саршумори паранда 1,2 миллион сар, истеҳсоли тухм 153,7 миллион дона ва гӯшти паранда 3419 тонна зиёд мебошад.

## Самти техникаи кишоварзӣ

Ҷиҳати дар муҳлати хуби агротехникӣ гузаронидани кишт ва ҷамъоварии ҳосили зироатҳои кишоварзӣ, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории соҳаи кишоварзӣ 25724 адад трактори гуногунтамға мавҷуд буда, аз онҳо 1113 адад трактори шудгоркунанда мебошад. Инчунин 1100 адад комбайни ғалладарав, 6841 адад ядаки тракторӣ, 10586 адад испори тракторӣ, 1900 адад тухмипошак (аз ҷумла 1485 адад тухмипошаки пахта), 2880 адад култиватор, 1738 адад дости тракторӣ (косилка), 1036 адад тойбанду-тагрезчин, 17 адад комбайни ҷуворимаккағундор, 130 адад комбайни хӯроки чорвоғундор, 246 адад картошкашинонак, 424 адад картошкаканак ва дигар мошинолоти кишоварзӣ дар ихтиёри хоҷагиҳо қарор дошта, айни замон дар ҷараёни корҳои тирамоҳии зироатҳои кишоварзӣ васеъ истифода мешаванд.

Тибқи маълумоти фаврӣ, дар соли 2025 ба ҷумҳурӣ 3488 адад техника ва мошинолоти кишоварзӣ ворид гардид, аз ҷумла 913 адад трактори гуногунтамға, 39 адад комбайни ғалладарав, 19 адад мошини алафдарав, 1 адад комбайни шолидарав, 13 адад мошини пахтачинӣ ва дигар намудҳои техникаи махсуси саҳроӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 91 адад зиёд аст.

Бо мақсади сари вақт ва дар сатҳи зарурӣ таъмини Барномаи рушди соҳаи механиконии инноватсионии кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029, аз ҷониби вазорат фармоиш ва нақшаи чорабиниҳо аз 16.12.2024, №129 ба тавиб расонида шудааст.

Дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то имрӯз 85 адад марказҳои хизматрасонии техникӣ (МХТ) ташкил карда шуда, фаъолият намуда истодаанд. Аз ин миқдор марказҳои хизматрасонии техникӣ 60 ададашро

КВДҶ «Тоҷикагролизинг» ва боқимонда аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ташкил карда шудааст.

Аз тарафи КВДҶ "Тоҷикагролизинг" дар давоми соли 2025 бо истифода аз маблағҳои буҷети давлатӣ ва воситаҳои аз фаъолияти хоҷагидорӣ (бозгашт) бадастомада 212 адад техникаи гуногунтамға ва 685 адад мошинолоти кишоварзӣ ба маблағи 73,3 миллион сомонӣ харидорӣ гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3 адад техника, 244 адад мошинолот ва умуман 22,9 миллион сомонӣ бештарро дар бар мегирад. Ҳамзамон корхона ба 348 хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) 187 адад трактори гуногунтамға ва 481 адад мошинолоти кишоварзиро ба маблағи 67,1 миллион сомонӣ бо тариқи иҷораи молиявӣ (лизингӣ) дастрас намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта аз рӯи шумораи хоҷагиҳо 28 адад, тракторҳо 11 адад, мошинолот 49 адад ва аз рӯи ҳаҷми маблағ 342,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2025 ба 4745 нафаре, ки курсҳои кӯтоҳмуддати механизаториро хатм карданд, шаҳодатномаи «механизатор-мошинист» дода шуд.

Тибқи нақшаи корӣ Муассисаи давлатии “Стансияи давлатии озмоиши мошинҳои Тоҷикистон” дар соли 2025 аз рӯи 16 намуди кор ва ташхиси техника ва мошинолотҳои кишоварзиро, ки дар солҳои 2024-2025 ба ҷумҳурӣ ворид гардидаанд ба роҳ монда, корҳои озмоишии онҳоро анҷом дода шуд, ки ин нишондод 100 фоизи иҷроиши нақшаро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4 адад зиёд мебошад.

### Дастовардҳои илмии самти кишоварзӣ

Дар самти татбиқи дастовардҳои илмӣ олимони муассисаҳои илмии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ соли 2025 соҳиби 6 патент ва нахустпатент, 17 шаҳодатномаи ихтироъкорию ҳуқуқи селексионерӣ, 1 қарор оид ба додани нахустпатент ва 8 хабарномаи мусбат гардида, инчунин 3 арзнома барои гирифтани нахустпатент пешниҳод намуданд.

Инчунин, 5 навъи зироатҳои кишоварзии офаридаи олимони Академия, аз ҷумла 1 навъи пахтаи миёнанах, 3 навъи гандум ва 1 навъи ҷуворимакка бо қарори Муассисаи давлатии «Комиссияи давлатии озмоиши навъи зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъҳо» минтақабоб гардиданд.

Олимони муассисаҳои илмии Академия дар давраи ҳисоботӣ оид ба масъалаҳои рушди соҳаи кишоварзӣ 751 кори илмӣ, аз ҷумла 17 китоб, 12 монография, 10 маҷаллаи илмӣ, 1 атлас, 27 дастур, 29 тавсиянома, 23 буклет, 1 лавҳаи таблиғотӣ, 613 мақолаи илмӣ ва 18 мақолаи илмӣ-оммавиро ба нашр расонда, дастуру тавсияҳои мушаххас ба деҳқонон ва мутахассисони соҳа пешниҳод намуданд.

Бо ташаббуси олимони муассисаҳои илмии Академия ҷиҳати тарғибу ташвиқи дастовардҳои илмӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар давраи ҳисоботӣ 87 чорабинӣ, аз ҷумла 1 симпозиум, 4 конференсия ва семинари илмию амалии байналмилалӣ, 7 конференсия ва семинари илмию амалии

ҷумҳуриявӣ, 33 конференсия ва семинари илмию амалии минтақавӣ, 28 рӯзи саҳрой ва фермерӣ ва 14 мизи мудаввар баргузор гардид.

Вазорати кишоварзӣ дар ҳамкорӣ бо Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон семинари илмӣ-амалии байналмилалиро бо иштироки олимони Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар мавзӯи «Рушди соҳаҳои кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим» дар филиали Институти зироаткорӣ дар ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд 24 майи соли 2025 баргузор намуд. Инчунин, 27 марти соли 2025 аз ҷониби олимони филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Суғд бо иштироки олимони Академия, намояндагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва хоҷагиҳои тухмипарварии вилоят рӯзи саҳрой ташкил гардид. Ҳамзамон, олимон дар давраи ҳисоботӣ дар 388 конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, мизҳои мудаввар, ҳамоишҳои илмӣ ва семинар-омӯзишҳо иштирок ва баромад намуданд.

Дар ин давра 24 нафар рисолаи илмӣ, аз ҷумла 7 рисолаи докторӣ ва 17 рисолаи номзадӣ ҳимоя карда, 18 нафар магистратура ва 13 нафар докторантураи PhD-ро хатм намуданд. Бо мақсади тақвияти тайёр кардани кадрҳои илмӣ шӯроҳои диссертатсионӣ дар назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Институти тибби ветеринарӣ ва Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академия таъсис дода шуда, фаъолияти худро ба роҳ мондаанд.

## Тайёркунии мутахассисони баландпоя дар самти кишоварзӣ

Дар **Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур** барои тайёр намудани мутахассисони баландпоя дар 10 факултет 5509 нафар донишҷӯ, магистр ва доктор аз рӯйи ихтисос таҳсил менамоянд, аз ҷумла 4 578 нафар аз рӯйи 53 ихтисос дар шуъбаи рӯзона, 860 нафар аз рӯйи 25 ихтисос дар таҳсилоти фосилавӣ, 45 магистр ва 26 доктор (PhD); аз шумораи умумӣ 3 427 нафар шартномавӣ, 136 нафар бо квотаи Президентӣ, 319 нафар духтар ва 50 нафар аз хориҷи кишвар мебошанд. Айни замон дар сохтори донишгоҳ 10 факултет ва 49 кафедра (38 кафедраи тахассусӣ ва 11 кафедраи умумидонишгоҳӣ) фаъолият дошта, дар онҳо 348 нафар омӯзгор, аз ҷумла 7 академик ва 6 узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, 46 доктори илм, 51 профессор, 146 номзади илм ба таълим, тарбия ва корҳои илмӣ ҷалб шудаанд.

Соли сипаригардида донишгоҳро 864 хатмкунандаи шуъбаи рӯзона (298 нафар буҷавӣ, 511 нафар шартномавӣ, 55 нафар бо квотаи Президентӣ), 266 хатмкунандаи таҳсилоти фосилавӣ (264 нафар шартномавӣ ва 2 нафар бо квота), инчунин 19 магистр ва 8 доктори PhD хатм карданд. Ҳамчунин аз ҷониби олимону омӯзгорони донишгоҳ 19 китоби дарсӣ, 76 дастури методӣ, 14 монография, 87 тавсиянома ва 1719 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 350 мақола дар конференсияҳои байналмилалӣ, 636 мақола дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, 161 мақола дар нашрияҳои хориҷӣ ва 5 мақола дар пойгоҳи СКОПУС ба нашр расид.

Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисоси кормандони комплекси агросаноатӣ»-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур ва филиалҳои он дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар соли 2025, мувофиқи нақшаҳои корӣ ва фармоишҳои Вазорати кишоварзӣ, 2 конференсияи илмӣ-амалӣ, 26 семинари сатҳи ҷумҳуриявӣ, 31 семинари сатҳи вилоятӣ, 21 семинари сатҳи минтақавӣ, 125 семинари сатҳи ноҳиявӣ, 60 рӯзи саҳроӣ ва 51 семинари бозомӯзии роҳбарону мутахассисони хоҷагиҳои кишоварзиро дар мавзӯи «Таъмини рушди устувори соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва чорабиниҳо оид ба коҳиш додани он дар истеҳсолот» баргузор намуд, ки дар маҷмӯъ 6 505 нафарро фаро гирифт.

## Самти ҷалби сармоя ва ҳамкориҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи кишоварзӣ

Бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ҳамкориҳои вазорат бо институтҳои байналмилалии молиявӣ хуб ба роҳ монда шуда, айни замон дар соҳаи кишоварзӣ дар ҳамкорӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёи Рушд ва Фонди Байналмилалии рушди кишоварзӣ Лоиҳаҳои «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ», аз тарафи Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ба маблағи 108 миллион доллари ИМА, лоиҳаи “Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа+” аз тарафи Муассисаи давлатии Маркази идораи “Лоиҳаи чорводорӣ ва чарогоҳҳо” ба маблағи 43,5 миллион доллари ИМА ва Лоиҳаи “Таъмини воситаҳо барои зиндагии устувор ва тавонмандсозии занони деҳот” аз ҷониби Гуруҳи татбиқи лоиҳаҳои назди Вазорати кишоварзӣ ба маблағи 17,5 миллион доллари ИМА амалӣ гардида истодааст, ки татбиқи самараноки лоиҳаҳо таҳти назорати доимии вазорат қарор дорад.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои муштараки Вазорати кишоварзӣ ва Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» дар доираи Лоиҳаи «Баланд бардоштани устувории кишоварзӣ» аз аввали татбиқи лоиҳа дар соли 2025 маблағи 61,4 миллион доллари ИМА ва танҳо дар давраи ҳисоботӣ 17,9 миллион доллари ИМА баробар ба 102,8 фоизи давраи ҳисоботӣ аз худ карда шудааст.

**Марказхои агрологистикӣ.** Дар доираи лоиҳаҳо сохта ба истифода додани 5 адад Марказҳои агрологистикӣ дар шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Балхӣ ва Данғараи вилояти Хатлон, шаҳри Хуҷанди вилояти Сугд (минтақаи озод) ва шаҳри Хоруғи ВМБК пешбинӣ шудааст. Бунёди маркази агрологистикӣ дар ноҳияи Балхии вилояти Хатлон аз ҶДММ “Стройсентр” (иқтидори нигоҳдории яквақтаи 1200 тонна) ва барои бунёди маркази агрологистикӣ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд (минтақаи озод) аз ҷониби ҶДММ “Термодинамика” (иқтидори нигоҳдории яквақтаи 1200 тонна) бо маром идома дорад.

Барои бунёди маркази агрологистикӣ дар шаҳри Душанбе, дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ва шаҳри Хоруғи ВМКБ дар қитъаҳои замин ҷудо гардида корҳои баҳодиҳии иқтисодӣ-техникӣ идома дорад.

**Бунёди гармхонаҳо.** Сохтмони ду адад гармхонаҳо, низ дар ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ва ноҳияи Шуғнони ВМКБ идома дорад. Корҳои бетонӣ ба анҷом расида айни замон насби металҳо ва руйпӯши он дар арафаи анҷомёби мебошад. Тибқи нақша дар шашмоҳаи аввали соли 2026 корҳои сохтмонӣ пурра ба анҷом расида мавриди истифода қарор дода мешаванд.

**Лоиҳаи Дастгирии соҳаи кишоварзӣ дар заминаи ҷомеа+,** дар 21 ноҳияи кишвар, аз ҷумла 16 ноҳияи вилояти Хатлон, 3 ноҳияи тобеи марказ ва 2 ноҳияи вилояти Суғд, амалӣ гардида, мақсад ва ҳадафҳои лоиҳаи мазкур ба татбиқи ҳадафи стратегии рушд «Таъмини амнияти озуқаворӣ» ва барномаҳои давлатии соҳавӣ мусоидат намуда, ба баланд бардоштани иқтидори истеҳсолии соҳаи кишоварзӣ дар ҷомеаҳои деҳот ва мусоидат барои гузариш ба самти устувори рушд бо назардошти сатҳи пасти партовҳо (гази карбон) ва ҷорӣ намудани усулҳои нави истеҳсолоти кишоварзӣ, ки ба тағйирёбии иқлим мувофиқ мебошанд, татбиқ гардида истода, ба ҳолати 1 январи соли 2026 аз аввали татбиқи лоиҳа 55,7 миллион доллари ИМА ва дар давраи ҳисоботӣ 4,7 миллион доллари ИМА аз худ карда шудааст, ки тибқи нақшаи молиявии соли 2025, 103,8%-ро ташкил медиҳад.

**Лоиҳаи “Таъмини воситаҳо барои зиндагии устувор ва тавонмандсозии занони деҳот”** бо мақсади афзоиши даромад ва баланд бардоштани устувории занони деҳот ба таконҳои иқтисодӣ ва истисмор дар 6 шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон татбиқ гардида истода, аз аввали татбиқи лоиҳа ба ҳолати ба ҳолати 1 январи соли 2026 маблағи 870,9 ҳазор доллари ИМА ва дар давраи ҳисоботӣ 245,4 ҳазор доллари ИМА аз худ карда шудааст, ки тибқи нақшаи молиявии соли 2025, 102 %-ро ташкил медиҳад.

Барои боз ҳам бештар гардидани сармояи грантӣ ба соҳа дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёии Рушд лоиҳаи “Идоракунӣ ва рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ бо мақсади таҳкими амнияти озуқаворӣ” ба маблағи 19 миллион доллари ИМА ва дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо бошад лоиҳаи “Гузариши сабз тавассути занҷири арзиши иловашудаи пахта” ба маблағи 19,8 миллион Евро таҳия ва ба имзо расонида шудаанд.

Инчунин дар ҳамкорӣ бо Агентии Корея оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (KOICA) лоиҳаи “Дастгирии бунёди гармхонаҳои замонавӣ дар Тоҷикистон” ба маблағи 8 млн. доллари ИМА ба имзо расонида шуд, ки ҳадафи он бунёди гармхонаҳои муосир, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои сабзавотӣ, меваҷот, боғдорӣ ва беҳтар намудани дониши кишоварзон мебошад.

Ҳамзамон Созишномаи кумаки техникӣ байни Барномаи озуқаводии ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Ҷалб намудани ҷавонони хоҷагиҳои фермерии хурд

тавассути истифода намудани технологияи кишоварзӣ барои беҳтар намудани амнияти озуқаворӣ ва занҷираҳои арзиши маҳсулот", ки аз ҷониби Агентии Корея оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (KOICA) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад, ба маблағи 10 миллион доллари ИМА ба имзо расонида шуд.

Айни замон гуфтушунид бо коршиносони Бонки Осиёии Рушд ҷиҳати таҳияи лоиҳаи “Дастрасӣ ба бозор ва мутобиқшавии соҳаи чорводорӣ” идома дорад.

Тақвият додани ҳамкориҳои хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки Вазорати кишоварзӣ ба шумор рафта, имзои созишномаю ёддоштҳои тафоҳум, танзими мулоқотҳои дуҷонибаю бисёрҷониба ва иштирок дар форумҳои тиҷоратӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад.

Дар ин радиф, дар доираи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон «Созишнома байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати захираҳои об, кишоварзӣ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ба имзо расонида шуд.

«Ёддошти тафоҳум байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати озуқаворӣ, кишоварзӣ ва саноати сабуки Муғулистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» 24 июли соли 2025, «Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (FAO UN) оид ба гӯшаи тағйирёбии иқлими Тоҷикистон дар Қароргоҳи FAO UN», «Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварии Япония оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ба имзо расонида шуд.

Лоиҳаи «Созишнома байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Малайзия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ», лоиҳаи “Харитаи роҳи ҳамкорӣ байни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои солҳои 2026-2027” омода карда шуда, дар баррасӣ қарор дорад.

Яке аз усулҳои пешбарандаи ҳамкориҳои дуҷонибаи байнидавлатӣ баргузории комиссияҳои байниҳукуматӣ бо давлатҳои хориҷӣ ба шумор меравад. Дар асоси розигии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 18-20 сентябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе ҷаласаи 18-уми Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Беларус оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ баргузор гардид. Дар баробари ин бо мақсади ҷалби сармояи беларусӣ ба соҳаи агросаноатии мамлакат дар ҳошияи ҷаласаи Комиссия миёни мақомоти дахлдори давлатӣ, соҳибкорон ва бахши хусусии ду кишвар 12 санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ,

маҳсулоти гӯшту шир ва доруворӣ ба маблағи 16,6 миллион доллари ИМА ба имзо расонида шуд.

Дар баробари ин, вазорат ба 14 Комиссияҳои байниҳукуматӣ бо давлатҳои хориҷӣ бо риояи тартиби муқарраргардида дар назди дигар вазорату идораҳо ҳисоботдиҳанда мебошад.

Дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.05.2025, №29/10-218 бо мақсади таҳкими ҳамкориҳо бо давлатҳои ИДМ санаи 18-19 сентябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе дар давраи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ҷаласаи 37-уми Шӯрои байниҳукуматӣ доир ба масъалаҳои комплекси агросаноатии ИДМ баргузор гардид.

Бо мақсади иҷрои банди 14 Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯзҳои 12-15 майи соли 2026 дар шаҳри Душанбе 35-умин шӯрои Конфронси минтақавии Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (FAO UN) барои Аврупо ва Осиёи Марказӣ ба нақша гирифта шудааст.

Бояд қайд намуд, ки Конфронси минтақавӣ дар таърихи 80-умин солгарди таъсисёбии FAO UN бори аввал аст, ки бо мизбонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави кишварҳои Осиёи Миёна доир гардида, дар он намояндагони сатҳи воломақоми зиёда аз 54 кишвари узви FAO UN аз минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ҳайатҳои созмонҳои махсусгардонидашудаи Созмони Милали Муттҳид ва ташкилотҳои минтақавию ғайридавлатӣ иштирок менамоянд.

Дар давраи ҳисоботӣ мулоқотҳои роҳбарияти вазорат бо Директори кишварии Бонки Осиёии Рушд дар Тоҷикистон, Дабири кулли Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Директори генералии Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ, Ноиби Президенти Фонди байналмилалии рушди кишоварзӣ, Сафири Ҷумҳурии Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сафири Исроил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари намояндагии Барномаи озуқавории ҷахонӣ дар Тоҷикистон, ҳайатҳои Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Осиёии Рушд, Барномаи озуқавории ҷаҳонӣ танзим гардиданд.

Ҳамкориҳои бисёрҷонибаи вазорат ва иштирок дар чорабиниҳое, ки аз ҷониби Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди Аврупо, Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ ва дигар Шарикони рушд ташкил карда шудаанд хуб ба роҳ монда шуда, дар ин давра маводҳои зарурӣ ҷиҳати иштироки 66 нафар аз ҳисоби роҳбарият, мутахассисони вазорат ва зерсохторҳои он дар ҷаласаҳо, конфронсҳо, форумҳо ва курсҳои омӯзишие, ки дар Олмон, Италия, Ҷопон, Қазоқистон, Қирғизистон, Непал, Маҷористон, Таиланд, Эрон, Туркия Ӯзбекистон баргузор гардиданд, омода карда шуданд.

**Рушди рақамикунонии соҳаи кишварзӣ.**

Мавриди зикр аст, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконияти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт солҳои 2025-2030-ро дар Тоҷикистон “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон намуданд. Инчунин бо ташаббуси навбатии Роҳбари давлат ҷиҳати вусъат бахшидани раванди рақамикунонӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва татбиқи зеҳни сунъӣ қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қабул гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади амалӣ гардонидани Стратегияи миллии рушд то 2030 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08.01.2025, №911 Дар бораи “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” эълон намудани солҳои 2025-2030, лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Барномаи рақамикунонии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029” таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.05.2025, №334 қабул шуд.

Дар ин замина дар якҷояги бо Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фармоиши якҷоя гурӯҳи кории байниидоравӣ вобаста ба вусъат додани корҳо дар самти рақамикунонии равандҳо дар соҳаи кишоварзӣ таъсис дода шуда, корҳо бо маром идома доранд. Инчунин дар вазорат низоми ягонаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ аз 01.10.2025 пурра ҷорӣ гардида, дар муассисаҳо, ташкилотҳо ва идораҳои тобеи вазорат раванди пайвастшавӣ ба низом ҷараён дорад.

Ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2025, №1046 “Дар бораи масъалаҳои ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатӣ тариқи электронӣ”, инчунин рушди низоми «ҳукумати электронӣ» барои ҷойгир намудани хизматрасониҳои давлатӣ дар портали ягонаи – «khizmat.ehukumat.tj» шиносномаҳои номгӯи хизматрасониҳоро тибқи тартиби муқарраргардида пешниҳод гардида, тамоми хизматрасониҳо тариқи ғайринақдӣ ва электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Бояд зикр кард, ки санаи 18 декабри соли 2025 дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ ҷумҳурӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, муаррифии нақшаю барномаҳои рақамикунонии соҳа, мутобиқгардонӣ ба талаботҳои муосир ва фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ дар самти рушди рақамикунонӣ, инноватсия ва баргузор намудани омузишҳо, такмили ихтисос, семинару чорабиниҳо бо иштироки Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Қоҳир Расулзода бинои КВД “Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ” расман ба истифода дода шуд.

## Ташкили чорабиниҳо ва ярмарка-фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ

Бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2025, № АП-713, як қатор чорабиниҳои миллӣ, аз ҷумла «Ҷашни Сада» ва баргузори намоиш тухмии зироатҳои кишоварзӣ, «Ҷашни Тиргон бо баргузории Иди зардолу ва намоиши «Хушкмеваҳои Тоҷикистон», Ҷашни Меҳргон бо фестивал намоиши маҳсулот техникаи кишоварзӣ, Фестивали занбӯрпарварон, намоиш ва фурӯши асал, Иди себ ва ангур, Иди тарбуз, харбуза ва каду, Фестивали «Оши Палов», намоиш ва фуруши шолӣ ва биринҷ», Ҳамоиши картошкапарварон, Фестивали анорпарварон ва Ҳамоиши чорводорон, намоиш ва фуруши чорвои зотӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар сатҳи баланд баргузор шуданд.

Инчунин Рӯзи таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳ, Рӯзи Модар, Ҷашни Наврӯз, Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дастгоҳи марказии вазорат бо шукуҳу шаҳомати хоса таҷлил карда шуд.

Бо мақсади дастгирии сокинон ва фаровонии маҳсулот дар бозорҳои Душанбе бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз, Иди моҳи Шарифи Рамазон, Иди Қурбон, Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли нави мелодӣ бо иштироки хоҷагиҳои Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ярмарка-фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ташкил шуд, ки дар он зиёда аз 1252,3 тонна маҳсулот (картошка, пиёз, сабзӣ, мева, биринҷ, гӯшт, шир, тухм ва ғ.) аз нархи бозор нисбатан арзон пешкаши сокинон ва меҳмонони пойтахт гардонида шуд.

Бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.12.2017, №АП-983 ва фармоиши вазорат, кӯмакрасонии хайрияҳо ба Мактаб-интернати кӯдакони ятим дар ноҳияи Ёвон ташкил карда шуд. Дар соли сипаригардида пеш аз идҳо ва ва ҷашнвораҳои ҷумҳуриявӣ ба маблағи 58350 сомонӣ кӯмак расонида шуд. Ҳамзамон аз ҷониби вазорат дар арафаи идҳо ва ҷашнҳои ҷумҳуриявӣ ба беморону барҷомондагон ва ашхоси камбизоат кумакҳои моддӣ аз қабили орд, равған, шакар, чой, биринҷ, макарон ва дигар маводи ғизоӣ дастрас гардид, инчунин ба аёдати беморону барҷомондагон анҷом дода шуд.

## Таҳкими иқтидори кадрӣ, ҳамкорӣ бо воситаи ахбори омма ва муроҷиати шаҳрвандон

Ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи кормандони ҷавон дар ҳамкорӣ бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмили дониши хизматчиёни давлатии дастгоҳи марказӣ 5 нафар хизматчиёни давлатии дастгоҳи марказӣ ба курсҳои такмили ихтисос, 1 нафар ба магистратураи таҳсили рӯзонаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда шудааст.

Бо мақсади татбиқи сиёсати кадрӣ дар соли 2025 дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 «Оид ба Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ» се маротиба дар дастгоҳи марказии озмунҳо барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шуд. Тибқи натиҷаҳои озмун 14 нафар ба мансабҳои холӣ таъин карда шуданд.

Боиси зикр аст, ки дар партави Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромади кормандони дастгоҳи марказии вазорат, олимону мутахассисони соҳа тариқи воситаҳои ахбори омма дар мавзӯи «Аз Паём то Паём» тавассути радио ва телевизионҳои ҷумҳуриявӣ омода ва пахш карда шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳамкориҳо бо воситаи ахбори омма хуб ба роҳ монда шуда, 215 мусоҳиба бо мутахассисони вазорат оид ба рафти зимистонгузаронии чорво, шудгор ва кишти зироатҳои ғалладонагӣ, зироатҳои техникӣ, рушди соҳаи боғу токпарварӣ, истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ, агротехникаи парвариш, омилҳои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, пешгирӣ аз касаливу ҳашаротҳои зараррасон, рушди соҳаи чорводорӣ, тарғиби дастовардҳои соҳа тавассути воситаҳои ахбори омма омода ва пахш карда шудааст.

Дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ 289 хабару мақолаҳои гуногун доир ба соҳаи кишоварзӣ нашр гардида, 4 шумораи Маҷаллаи “Кишоварзӣ” ба табъ расонида шуд, ки бештари онҳо тавсияҳои мутахассисону олимон барои рушди соҳа буданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати роҳандозӣ намудани корҳои ободонӣ ва бунёдкорӣ, дар

Дар давраи ҳисоботӣ ба унвони Вазорати кишоварзӣ 10002 адад мактубу дархостҳо ворид гардиданд, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридшуда зери назорат гирифта шуда, дар муҳлатҳои муайянгардида ҷавоб гардонида шуд.

Қабул ва баррасии саривақтии муроҷиати шаҳрвандон таҳти назорати роҳбарияти вазорат қарор дошта, дар давраи ҳисоботӣ нисбати муроҷиати 313 нафар шаҳрванд тадбирҳои судманд андешида шудааст.

**Гузаронидани конференсияҳои илмӣ, семинарҳо дар соҳаи кишоварзӣ**

Бо мақсади тарғибу рушди гусфанди зоти ҳисорӣ, муаррифии дастовардҳои селексионӣ ва ҷалби сармоя ба чорводорӣ соли сипаригардида дар ҷумҳурӣ Симпозиуми байналмилалии илмию амалӣ ва Фестивал-намоиши “Гӯсфанди зоти ҳисорӣ” баргузор гардида, ҳадафи он рушди минбаъдаи соҳаи гӯсфандпарварӣ, тақвияти корҳои селексионӣ оид ба гӯсфанди зоти ҳисорӣ, муаррифии он ҳамчун захираи ирсии дастоварди мардуми тоҷик ва густариши ҳамкориҳои илмӣ-амалӣ бо кишварҳои хориҷӣ мебошад.

Маврид ба ёдоварист, ки дар байни 1129 зоти гӯсфанди дар ҷаҳон парваришёбанда, аз ҷиҳати ҷуссаи бузур, танумандӣ, мустаҳкамии сохтори бадан ва вазни зинда ҳамто надорад.

Ҳамзамон дар давоми соли 2025 бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ дар системаи вазорати кишоварзӣ дар маҷмуъ 410 семинар, машварат, мизи мудаввар ва конфронсҳои омӯзишӣ ташкил ва гузаронида шуда, дар онҳо 36908 нафар иштирок намуданд, ки 4092 нафари онҳо занҳо мебошанд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 ҳамагӣ 89 семинар, машварат ва конфронсҳои омӯзишӣ ва 9843 нафар иштирокчиён зиёд мебошад.

То имрӯз аз ҷониби КВД "Маркази рақамикунонӣ, инноватсия ва такмили ихтисоси кадрҳои соҳаи кишоварзӣ"-и назди Вазорат дар доираи ваколатҳои оинномавӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо сохторҳои рақамикунонии дигар давлатҳо оид ба такмил, омӯзиш ва рушди рақамикунонӣ дар маҷмуъ 14 адад санадҳои ҳамкорӣ (5 - созишнома, 4 - меморандум, 3 - протокол ва 2 - ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ) ба имзо расонида шуд.

**Вазифаҳои аввалиндараҷаи минбаъдаи вазорат:**

- бо мақсади таъмини иҷрои дастуру супориши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 декабри соли 2025 "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар ҳамбастаги бо вазорату идораҳои дахлдор таҳияи намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати аграрӣ", "Барномаи давлатии рушди инноватсионии соҳаи пахтакорӣ барои солҳои 2026-2030" ва инчунин ҷиҳати дастгирии соҳаи пахтакорӣ то ба эътидол омадани вазъи соҳа омода намудани пешниҳодҳои зарурӣ доир ба ворид намудани тағйироти дахлдор ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- бо мақсади таъмини сифатноки иҷрои Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 ташкили нуқтаҳои фуруши ниҳолҳо ҷиҳати вусъати маъракаи ниҳолшинонӣ, бунёду барқарорсозии боғу токзор дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, башаклдарории боғот ва гузаронидани корҳои агрокимиёвӣ, инчунин расонидани кӯмакҳои амалию усулӣ ба хоҷагиҳои кишоварзӣ;

- тақвиятбахшии рафти обёрии захиравӣ, захиракунии пору, тоза намудани каналу ҷуйбор, заҳбуру заҳкашҳо ва омода намудани иншоотҳои обрасонӣ, корбари дар самти таъмини хоҷагиҳо бо тухмиҳои репродуксионии зироатҳои кишоварзӣ;

- самаранок истифода бурдани гармхонаҳои доимоамалкунанда, анбору сардхонаҳои маҳсулотнигоҳдорӣ;

- ташкили семинару машваратҳои омузишӣ вобаста ба баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбии хоҷагидорон ба тағйирёбии иқлим ва таъсисри он ба соҳа, ҷорӣ намудани дастовардҳои илм ва таҷрибаҳои муосир дар истеҳсолот;

- дар самти чорводорӣ: роҳандози намудани тадбирҳои зарурӣ барои солиму беталаф баровардани чорво аз давраи зимистон ва муташаккилона гузаронидани маъракаи наслгирӣ;

- омода ва сафарбар намудани техникаву мошинолотҳои кишоварзӣ барои ба анҷом расонидани шудгори замин, кишти зироатҳои кишоварзӣ ва тақвиятбахшии фаъолияти марказҳои хизматрасонии техникӣ;

- иҷрои саривақтӣ ва сифатноки барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ, тухмипарварӣ, чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбуриасалпарварӣ, харгушпарварӣ, чарогоҳҳо, механиконии инноватсионии кишоварзӣ ва рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ;

- дар самти илм, татбиқи дастовардҳои илм дар истеҳсолоти кишоварзӣ ва офаридани навъҳои нави зироатҳои кишоварзии ба иқлим тобовар;

- дастгирии давлатӣ нисбати хоҷагиҳои кишоварзӣ ҷиҳати харидорӣ намудани техника ва мошинолоти муосири кишоварзӣ.

**Шуъбаи матбуот ва иттилооти**
**Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Тамос: 235-39-23, сомона WWW.MOA.TJ, почтаи электронӣ info@moa.tj**